Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-014-и назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, 734064, кӯчаи Нахимов 64/14)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Миршарифзода Э.Қ. дар мавзуи “Воситаҳои қарзӣ ҳамчун сарчашмаи асосии рушди саноати сабук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз.**

Мубрамии мавзуи таҳқиқоти диссертант бо он асоснок мегардад, ки рушди саноати сабук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз самтҳои афзалиятноки трансформатсияи сохтории иқтисоди миллӣ ба ҳисоб меравад, ки ба диверсификатсияи истеҳсолот, коҳиши вобастагӣ аз воридот ва баланд бардоштани иқтидори содиротӣ равона гардидааст. Дар шароити маҳдуд будани захираҳои молиявии дохилӣ ва сатҳи нокифояи сармояи ҷамъшуда, маҳз воситаҳои қарзӣ ба унвони абзори асосии таъмини фаъолияти сармоягузории корхонаҳои соҳа бароммад менамоянд. Истифодаи сармояи қарзӣ имконият фароҳам меорад, ки иқтидорҳои истеҳсолӣ навсозӣ гардида, технологияҳои инноватсионӣ ҷорӣ карда шаванд, рақобатпазирии маҳсулот баланд бардошта шуда, ҷойҳои нави корӣ таъсис дода шаванд, ки ин барои иқтисоди дорои ҳиссаи баланди захираҳои меҳнатӣ, хусусан Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти махсус дорад.

Ҳамзамон, дастрасӣ ба захираҳои қарзӣ дар Тоҷикистон бо як қатор маҳдудиятҳои институтсионалӣ ва макроиқтисодӣ, аз ҷумла сатҳи баланди фоизҳо, рушди нокифояи инфрасохтори молиявӣ ва маҳдудияти маблағгузории дарозмуддат, ҳамроҳ мебошад. Аҳаммияти иловагии мавзуъ аз зарурати дарки илмии самаранокии истифодаи воситаҳои қарзӣ дар шароити ноустувории молиявӣ ва хавфҳои асъорӣ бармеояд. Саноати сабук, ҳамчун соҳае, ки гардиши нисбатан зудтари сармоя дорад, дар сурати татбиқи сиёсати оптималии қарзӣ ва дастгирии давлатӣ дорои иқтидори назарраси рушди босуръат мебошад. Дар ин замина, таҳқиқи механизмҳои ҷалб ва истифодаи захираҳои қарзӣ, инчунин арзёбии таъсири онҳо ба рушди устувори корхонаҳои саноати сабук, на танҳо аҳаммияти назариявӣ, балки аҳаммияти амалӣ низ дошта, барои таҳияи тавсияҳои асоснок ҷиҳати такмили сиёсати молиявию қарзӣ ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти соҳа дар маҷмуъ мусоидат менамояд.

Ҳадафи таҳқиқот ба таҳия ва асосноккунии муқаррароти назариявӣ ва тавсияҳои методӣ оид ба такмили истифодаи қарз ҳамчун манбаи асосии рушди саноати сабук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин беҳсозии механизмҳои дастрасии корхонаҳои соҳа ба захираҳои қарзӣ равона гардидааст. Барои ноил шудан ба ин ҳадаф, дар доираи таҳқиқот маҷмуи вазифаҳои ба ҳам алоқаманд муайян карда шудаанд (саҳ. 7-8). Ҳамзамон, дар таҳқиқот самтҳои асосии такмили низоми қарздиҳии бонкӣ дар соҳаи саноати сабук асоснок карда шудаанд, ки фарогири баланд бардоштани қобилияти қарздиҳии низоми бонкӣ, такмили механизмҳои пешниҳод ва баргардонидани қарзҳо, инчунин таҳияи стратегияҳои рушди соҳа дар заминаи дастгирии қарзӣ мебошанд. Объекти таҳқиқот муносибатҳои қарзие мебошанд, ки миёни муассисаҳои қарзӣ ва корхонаҳои саноати сабуки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вуҷуд меоянд, предмети таҳқиқот бошад, маҷмуи механизмҳои иқтисодӣ, институтсионалӣ, ташкилӣ ва молиявии таъмини корхонаҳо бо захираҳои қарзӣ ба ҳисоб меравад (саҳ. 8).

Муаллиф фарзияи таҳқиқотро бар он асоснок менамояд, ки таҳкими нақши қарз дар рушди саноати сабук ва баланд бардоштани мавқеи он дар иқтисоди миллӣ танҳо дар шароити ташаккули низоми мукаммали қарздиҳии бонкӣ, ки ба тавсеаи қобилияти қарздиҳии бонкҳо, истифодаи таҷрибаи пешқадами байналмилалӣ ва такмили механизмҳои молиявӣ такя мекунад, имконпазир мебошад (саҳ. 8-9). Дар баробари аҳаммияти назариявию амалӣ, натиҷаҳои таҳқиқот дорои дараҷаи муайяни навоварии илмӣ мебошанд, ки дар дақиқсозии мафҳуму категорияҳои марбут ба муносибатҳои қарзӣ дар саноати сабук, асосноккунии нақши қарз ҳамчун омили калидии рушди соҳа ва пешниҳоди равишҳои муосири такмили низоми қарздиҳии бонкӣ ифода меёбанд. Муаллиф кӯшиш намудааст, ки дар заминаи таҳлили фарогири адабиёти илмӣ ва таҷрибаи байналмилалӣ, мушкилоти воқеии амалии дастрасӣ ба захираҳои қарзиро ошкор намуда, роҳҳои ҳалли онҳоро пешниҳод намояд. Хусусан, таваҷҷуҳи махсус ба масъалаҳои баланд бардоштани қобилияти қарзпазирии корхонаҳо, коҳиш додани хавфҳои қарзӣ ва густариши имкониятҳои маблағгузории дарозмуддат равона гардидааст, ки арзиши амалии таҳқиқотро боз ҳам тақвият мебахшад.

Бояд қайд кард, ки дар баробари дастовардҳои назариявию амалӣ ва сатҳи баланди асосноккунии илмии таҳқиқот, дар автореферат баъзе ҷанбаҳое зерин мавҷуданд, ки такмил додани онҳо бомаврид ба назар мерасад:

- таҳқиқот дигаргун мегардид агар муаллифи рисола ҳолати қарздиҳии низоми бонкиро аз нуқтаи назари танқидӣ мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор медод.

Дар маҷмуъ, кори илмии пешниҳодшуда бо риояи талаботи таҳқиқоти муосири иқтисодӣ иҷро гардида, дорои мантиқи возеҳ, пайдарпайии илмӣ ва асоснокии назариявию методологӣ мебошад. Хулоса ва тавсияҳои пешниҳодгардида метавонанд дар фаъолияти амалии мақомоти давлатӣ, муассисаҳои молиявию қарзӣ ва субъектҳои хоҷагидории соҳаи саноати сабук истифода шаванд.

Бо дарназардошти сатҳи баланди таҳқиқот, аҳаммияти амалӣ ва саҳми он дар рушди илмҳои иқтисодӣ, метавон хулоса намуд, ки кори мазкур сазовори баҳои мусбат буда, автореферати муаллиф ба талаботи бандҳои дахлдори "Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводди илмӣ", ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон №493, аз 27.12.2024 тасдиқ гардидааст ҷавобгӯ мебошад. Дар ин асос, муаллифи он Э.Қ. Миршарифзода сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
н.и.и., дотсент, мудири
кафедраи фаъолияти бонкии
Донишгоҳи байналмилалии
сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон **Шомаҳмадзода Ф.Ш.**

**Имзои Ф.Ш. Шомаҳмадзодаро тасдиқ мекунам:**
Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДБССТ **Ҷураев Ш.Н.**

**Суроға:** Донишгоҳи байналмилалии сайёҳи ва соҳибкорин Тоҷикистон, 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Борбад, 48/5. Мудири кафедраи кори бонкӣ. Телефон (+992) 972346688, E-mail: firdavsbekov-1985@mail.ru.

«_04_» _05_ соли 2026